**Такризи**

**ба дисертатсияи Шамсудинова Маҳтовбӣ Абдуалимовна дар мавзуи «Ҷанбаҳои назариявии ономастикаи осори бадеӣ (дар мисоли осори Аҳмади Дониш)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.19 – Назарияи забон**

Омӯзиши баррасӣ ва таҳлилу тадқиқи номҳои хос дар ҳар давру замон мавриди таваҷҷуҳи аҳли адаб ва зиёиёни пешқадам қарор дошту то ба имрӯз ин амали муфид раванди ногусастанӣ ва мавқеи устувореро ба худ касб мекунад. Бо руҷӯи рӯзафзуни забоншиносӣ ин соҳаи ба диди аввал на он қадар назаррас, вале аслан пурарзишу пурмӯҳтаво баробари дигар паҳлуҳои илмӣ забон дар ҳоли рушду такомул аст. Алҳол як қисмати илми забоншиносии ҷаҳонӣ, ки номҳои хосро меомӯзад, ба истилоҳи юнонии «ономастика» (санъати додани ном) маълуму машҳур аст. Бо ин истилоҳ айни замон маҷмуан илм дар бораи номҳои хос ифода карда мешавад. Номҳои ашхос, давлатҳо, тахаллусу лақаби одамон, лақаби ҳайвонот, номҳои шаҳру деҳот, баҳру дарёҳо, ҷирмҳои осмонӣ, офатҳои табиӣ ва ғайра, шомили муҳтавои ономастикаанд. Набояд аз ин далел сарфи назар намуд, ки пешрафту тараққиёти ономастика на танҳо чун як ҷузъи ҷудонопазири илми забон барои инкишофи ин соҳаи илм хидмати гаронбаҳо мекунад, балки аз маводу бозёфтҳои он илмҳои таъриху ҷуғрофия, адабиёт, иҷтимоиёт ва ғайра низ ба таври васеъ кор мегирад ва бесабаб нест, ки ашхоси даст андар кори ин бахшҳои илм ономастикаро ба ҳайси як риштаи ёрирасони соҳаи хеш қабул доранд. Бо вуҷуди ин номҳои хос, ки худ аз калимаҳо таркиб ёфтаанд, маҳсули забонанд ва танҳо дар забоншиносӣ омӯхта мешаванд.

Ономатсика чун ҷузъи таркибии забоншиносӣ асосҳои қонунмандии таърихи инкишоф ва мавҷудияти номҳои хосро тадқиқу баррасӣ менамояд, вале аз лиҳози фаррохии маводу масоили омӯхташаванда ва методикаи тадқиқотиаш он ҳамчунин метавонад чун як риштаи тому мустақили илм низ арзи вуҷуд дошта бошад. Агар сатҳи омӯзиши паҳлуҳои тамоми масоили ономастика аз диди тадқиқотӣ назар созем, мебинем, ки ҳама мавзуъоти он дар як сатҳ омӯхта нашудаанд. Масалан, бахши «топонимия»-и (калимаи юнонии topos «макон», «минтақа» ва onum-а «ном», яъне номи макону минтақа) илми ономастика дар маънии аслиаш омӯзиши номи манотиқи ҷуғрофӣ нисбат ба дигар ҷузъҳои худи ҳамин бахш - гидронимия, спелеонимия, дримонимия ва ғайраҳо аз тарафи муҳаққиқини соҳаи забоншиносӣ дақиқтару равшантар таҳқиқ шудааст. Ва ё «антропонимика» (лафзи юнонии anthropos - «инсон» ва onuma «ном», яъне номи инсонҳо) аз

лиҳози ҳолати фарогирии илмиаш дар айни замон ҷолибтарин қисмати илми ономастика маҳсуб мешавад. дар ин бахш алҳол чи дар арсаи ҷаҳонӣ ва чи дар ҳудуди собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ асару мақолаҳои хеле зиёд табъу нашр гардидааст. Ба ин манзур «антропонимика» дар қиёс бо «зоонимика», «космонимика», «теонимика», «этнонимика» ва ғайраҳо бартарии зиёдеро бархурдор аст. Далелу бурҳони қотеъ хулосаеро ба бор меорад, ки дар марҳилаи кунунии пешрафти илми ономастика паҳлӯҳои гуногуни он мутаносибан дар зинаҳои мухталифи тадқиқотӣ қарор доранд. Ин ҳолат дар баррасии маҷмӯи тадқиқи ономастика дар ҳудуди собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ айён мегардад.

Аз ин лиҳоз интихоби мавзӯи Шамсудинова Маҳтовбӣ Абдуалимовна дар мавзӯи **«Ҷанбаҳои назариявии ономастикаи осори бадеӣ (дар мисоли осори Аҳмади Дониш)»** комилан мантиқӣ ва саривақтӣ буда, дар раванди назариияи забон саҳми арзанда мегузорад.

Бояд зикр намуд, ки топонимика як илми нисбатан ҷавонест, ки номҳои ҷуғрофиро меомӯзад. Калимаи топонимия, ки аз ду калимаи юнонии topos - ҷой, маҳал ва onoma - ном сохта шудааст ва як фасли ономастикаро ифода мекунад, ки топонимҳо (ҷойномҳо), вазифа, маъно, пайдоиш, сохтор, минтақаи тақсимот, рушд ва тағироти замонии онҳороро меомӯзад.

Диссертатсияи Шамсудинова Маҳтовбӣ Абдуалимовна аз муқаддима, се боб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва замима иборат мебошад. Пайдарпаии бобҳо аз рӯи мантиқи таҳқиқот ва вазифаҳои дар назди рисола гузошташуда муайян карда мешавад.

Дар муқаддима сабаби интихоби мавзуъ ва аҳамияти таҳқиқи мавзӯи интихобшуда асоснок карда шудааст, объект, мавзуъ, ҳадаф, вазифа ва усулҳои таҳқиқот, навигарии илмӣ, арзиши назариявӣ ва амалии натиҷаҳои бадастоварда, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшаванда нишон дода шудаанд.

Дар боби аввал « **Таҳлили назарявӣ ва амалии ономастикаи осори Аҳмади Дониш** » назарияи ономастика аз нигоҳи забоншиносии муосир баррасӣ шуда, таснифоти гуногуни ономастикӣ оварда шудаанд.

Дар боби дуюм « **Қабатҳои забонии номвожаҳои осори Аҳмади Дониш** » масъалаи таҳлили муқоисавии забон, расму оин, оини қадимии эрониён аз ягонагӣ ва наздикии онҳо гувоҳӣ медиҳад. Омӯзиш ва муқоисаи забонҳо равшан нишон дода, фасли аввали он “Номвожаҳои эрониасос аз осори Аҳмади Дониш» номида шуда, аз давраҳои хеле

қадим номи мавзеҳо бо номи қавмҳо, халқиятҳо, кӯҳҳо ва дарёҳо гузошта мешаванд.

Боби сеюм «**Таҳлили сохтории ономастикаи осори Аҳмади Дониш**». Калимасозӣ чун яке аз рукнҳои асосии грамматикаи забони тоҷикӣ муддатҳои мадид аст, ки дар маркази диққати омӯзиши аҳли илм қарор дорад. Илова бар ин, дар ин ҷабҳа махлут сохтани мабҳасҳои омӯзиши калимасозӣ ва сарф, мафҳуму воҳидҳои онҳо ва ҳатто баъзан усулҳои таҳлили калимасозию сарфӣ ба мушоҳида мерасанд.

Дар **хулоса**, натиҷаҳои асосии таҳқиқот ҷамъбаст гардида, муқаррарот ва хулосаҳои асосӣ ва дурнамои омӯзиши минбаъдаи масъалаи назариявӣ оварда шудаанд.

Диссертатсияи мавриди тақриз, бешубҳа, ба рушди илми ҷанбаҳои назарӣ ва амалӣ саҳми арзанда хоҳад гузошт.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Шамсудинова Маҳтовбӣ Абдуалимовна дар мавзуи **«Ҷанбаҳои назариявии ономастикаи осори бадеӣ (дар мисоли осори Аҳмади Дониш)»** кори таҳқиқотии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, ба талаботи "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Комиссияи олии аттестатсионии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат мекунад ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.19 – Назарияи забон мебошад.

Роҳбари илмӣ, доктори илмҳои филологӣ,
профессори кафедраи забони тоҷикии
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон
ба номи Сотим Улуғзода [signature] Муҳаммадҷонзода О.О.

Имзои Муҳаммадҷонзода Олимҷон-ро
тасдиқ мекунам: Мудири шуъбаи кадрҳои
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон
ба номи Сотим Улуғзода [signature] Наҷмуддинов Ш. М.
"15" 03 соли 2022

Нишонӣ: 734019, ш. Душанбе, к. Муҳаммадиев17/6
Нишонии электронӣ: rectorat@ddzt.tj
Телефон: (+992 37) 232 50 03